

# Аз ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ

Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

# Аз ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ

*Бозгӯйи Гулназар*

*Рассом С. Имоддинова*

ДУШАНБЕ
МАОРИФ
2018

УДК 820/89/93+891,550
ББК 82,3(2тоҷик)+83,3(0)9+83,8+84тоҷик7
А-36

А-36. Аз ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ. Душанбе, Маориф, 2018, 56 саҳ.

ISBN 978-99947-1-563-3
© «МАОРИФ», 2018.

# Тавонгар ва ғами бенавоён



Дар кишваре хушксолӣ омад. Офтоб тафсон буду ниҳолу гиёҳҳоро бераҳмона месӯзонд. Дар киштзорҳо киштаҳо хазон мешуданд. Оби ҷӯю чашмаҳо мехушкид. Парандае маҷоли парвоз намекард.



Мардум ҳатто ҳавсалаи ба ҳам салом додан надоштанд.

Аз саҳар то шом аз дару девори шаҳру деҳаҳо фиғони гуруснагону лабташнагон боло мешуд:

— Эй Худо! Мо чӣ бадӣ кардем? Чаро абре пайдо намешавад, чаро як қатра борон ба замини сӯхта намечакад?



Аз мӯрие дуд намебаромад. Зеро касе чизе надошт, ки ба дег андозаду пазад. Паҳлавонҳое, ки дасту бозуи қавӣ доштанд, харобу лоғар шуданд, марди майдон намонд.

Ҳама зери лаб пичиррос мезаданд:

— Худоё, раҳм кун! Дар дунё тухми алам намемонад.

Дар ҳамин ҳолати ваҳшатбор ба ҳавлии як мард дӯсти деринааш ба меҳмонӣ омад. Вай бисёр беҳол, бемадор, пӯсту устухон шуда буд. Базӯр лабаш меҷунбид ва суханҳояш равшану фаҳмо набуданд.

Соҳиби хона медонист, ки дӯсти деринааш, яъне меҳмонаш, каси бисёр сарватманд аст ва бояд мисли дигарон ба ин гурусназагиву беҳолӣ дучор намеомад. Бо тааҷҷуб пурсид:

— Ба ту чӣ шуд, ки ин қадар бенаво менамоӣ? Магар сарвати ту ба бод рафт? Наход, дар хонаи ту, чун дар хонаи дигарон, чизи хӯрданӣ набошад?

Меҳмон ҷавоб дод:

— Намебинӣ, ки ҳоли мардум чӣ гуна аст? Аз замин сабзае намерӯяд, аз осмон қатрае намечакад!

Соҳиби хона гуфт:



— Онҳое азоб мекашанд, ки чизе дар бисот надоранд. Ту чӣ азоб мекашӣ? Ҳама асбоби маишат барои ту муҳайё аст.

Меҳмон норизо шуд:

— Ман аз нодории худ азоб намекашам. Балки бенавоию нодории мардум маро азоб медиҳад. Аз онҳое нестам, ки ёронам дар дарё ғарқ шаванду ман дар соҳил фориғболона тамошо кунам.

Соҳиби хона гуфт:

– Аз ташвишу нороҳатии ту чӣ суд, агар ёри ғарқшавандаи худро наҷот дода натавонӣ? Беҳтар нест, ки ғами худро хӯрӣ?

Меҳмон бо қатъият ҷавоб дод:

— На! Вақте ки касе оби хӯрдан надорад, аз гулуям нам намегузарад. Вақте ки дигарон гуруснаанд, ман сер буда наметавонам!

Соҳиби хона ба дӯсти дерини сарватмандаш, ки ба пӯсту устухон табдил ёфта буд, ҳайратзада нигоҳ мекард.

Байт:

*Ман аз бенавоӣ наям рӯйзард,*
*Ғами бенавоён рухам зард кард.*

# МАРДИ БЕЧОРА ВА ПОДШОҲ

Шаб торик буду биёбони бепоён. Ногоҳ борони сахт борид. Роҳу пайраҳаҳо ҳамааш ба ботлоқ табдил ёфтанд. Марди бечорае бо хари мискини худ дар роҳ буд ва саропо тар шуд, хунук хӯрд. Бар замми ин, хараш дар лойоба то миён фурӯ рафт ва маҷоли по бардоштан надошт.





Мард ҳарчанд кӯшиш кард, илоҷе наёфт. Рӯ ба осмон кард:

— Лаънат ба ту, эй абри дилсиёҳ!

Бо ин дилаш таскин наёфт. Ба биёбони беодами аз оби борон ба баҳр табдилёфта бо хашм назар карду фарёд бардошт:

— Лаънат ба ту, эй биёбони бераҳм!

Ғазабаш ором нашуд. Чашму рӯяшро бо панҷаҳои лойолуд ва карахт пӯшонда, нола кард:

— Хонаат сӯзад, эй тундбоди сарднафас!

Дилаш таскин нагирифт. Худро ба ин сӯ зад, ба он сӯ зад, ногоҳ ба ёдаш шоҳи мамлакат расид. Қоматашро рост карду бо нола гуфт:

— Тахту бахтат сарнагун бод, эй шоҳи ноодам!

Иттифоқан, дар ҳамин лаҳза аз раҳ шоҳу хизматгоронаш мегузаштанд. Садои дашному ҳақоратро шуниданду наздик омаданд, диданд, ки марде бо хараш дар лойоба дармондааст.

Шоҳ гуфт:

— Ин мард чаро маро дашном медиҳад?

Хизматгораш пешниҳод кард:

— Шамшерро гираму сари ин беадабро аз тан ҷудо кунам?

Шоҳ бори дигар ба марду хараш, ки дар лойоба ғарқ буданд, назар карду раҳмаш омад.

Фармон дод:

— Хару соҳибашро аз лой берун кашед. Хизматгорон фармони шоҳро ба ҷо оварданд. Марди лойолуд ҳамоно ҳақорат медод:

— Хонаат сӯзад, шоҳи беинсоф!

Аммо шоҳ ба ӯ инсоф кард, сару либоси тоза дод, ба ихтиёраш аспи хуби тезрафторро вогузор кард, як ҳамел симу зар ба тақдим овард.

Марди наҷотёфта ҳайрон-ҳайрон ба шоҳ нигоҳ мекард ва фаҳмида наметавонист, ки сабаби ин қадар меҳрубонӣ чист?

Хидматгор ба мард гуфт:

— Бахтат омад кард. Вагарна барои дашномҳоят шоҳ бояд туро мекушт.

Мард гуфт:

— Агар дашном намедодаму доду фиғон намебардоштам, дар миёни лойоба мемурдам. Шоҳ ҷавонмардӣ кард аз гуноҳам гузашт ва ҳадяҳои гаронбаҳоям дод. Хашмро фурӯ нишондану некӣ кардан кори ҳар кас нест.





Байт:

*Бадиро бадӣ саҳл бошад ҷазо,*
*Агар мардӣ, «иҳсин ило ман ассо»[1].*

---

1 Некӣ кун ба касе, ки бадӣ кардааст.

# ЗОҒ ВА КАРГАСИ ЛОФЗАН

Осмон соф буду равшан. Мурғакони зиёде ба ҳар сӯ парвоз мекарданд, меболиданд, гӯё аз шодӣ арғушт мерафтанд. Ногоҳ зоғу каргас ҳампарвоз шуданд. Зоғ ба каргас гуфт:

— Эй дӯст, бол зану болотар парвоз кун. Каргас бо такаббуру худнамоӣ лоф зад:

— Эй зоғ! Ту кучоюю ҳампарвозӣ бо ман! Оё ту мисли ман ба авчи осмон баромада метавонӣ?

Зоғ бо хоксорӣ ба забон овард:

— Ман каргас набошам ҳам, шояд тавонам. Каргас як печутоб заду боз гуфт:

— Шояд ҳамчун ман баланд парвоз карда тавонӣ. Аммо чун ман дурбин буда наметавонӣ. Ман аз баландии баландиҳо донро дар замин мебинам.





Зоғ ба қар-қар даромад:

— Бовар намекунам, ки аз ин баландӣ донро дида тавонӣ. Исбот кун.

Каргас бо фахру виқор боз баландтар баромад ва зоғро гуфт:

— Ба ман баробар шав. Ба ту донро нишон медиҳам.

Зоғ ба ӯ баробар шуд. Каргас ба як гӯшаи дашти беканор ишора карда, овоз баровард:

— Эй зоғ, нигоҳ кун. Ҳо, дар зери буттаи канори тали рег чанд дона гандум ҳаст. Мебинӣ?

Зоғ, ҳарчанд кӯшиш кард, чизеро надид.

— Не, каргас, чизеро намебинам.

Каргас ба ӯ наздик омаду фарёд зад:

— Биё, поин мефуроем ва ман исбот мекунам, ки дар ҷаҳон мисли ман дурбин нест. Донҳои гандуми зери буттаро бо ҳам чида мехӯрем.

Онҳо поин шуданд ва каргас бо худнамоӣ худро ба зери бутта гирифт ва ногоҳ ба доми сайёд банд шуд. Ҳарчанд худро ба ин сӯ - ба он сӯ зад, халос шуда натавонист.

Ба нолидан сар кард:

— Эй вой! Ба дом афтодам. Чӣ кунам, ки халос шавам?!

Зоғ, ки шоҳиди ин фоҷиаи каргас буд, бо тааҷҷуб пурсид:

— Ту, ки аз ҳамон баландӣ дони хурди гандумро дидӣ, чаро доми сайёдро надидӣ?

Каргас аз ин пешомад менолиду зоғ ҳайратзада буд.

Байт:

*Туро панди Саъдӣ бас аст, эй писар,*
*Агар гӯш гирӣ чу панди падар!*

# МАРДИ ФОЗИЛ ВА МАРДИ ФИРЕБГАР

Як марди фиребгару дурӯғгӯй назди фозиле омад ва ба нолиш сар кард:

— Ҳолам бад аст. Намедонам, чӣ кор кунам. Фозили раҳмдилу инсондӯст пурсид:

— Чӣ сахтие ба сарат омад? Марди фиребгар ҳамоно менолид:

— Аз як беинсоф чанд танга қарз гирифта будам. Ҳеҷ имкон даст намедиҳад, ки қарзро баргардонам. Марди қарздода бисёр бераҳм аст. Шабу рӯз маро таъқиб мекунад. Аз ҷонам сер шудам.

Марди фозил ашкҳои шашқатори фиребгарро диду дилаш бисёр сӯхт, пурсид:

— Чӣ қадар қарздор ҳастӣ?

— Даҳ дирам!

— Барои даҳ дирам ғам махӯр ва ҳеҷ гоҳ ба ҷони худ қасд макун.

Марди фозили некуном инро гуфту даст ба ҷайб бурд ва даҳ дирам ба марди фиребгару дурӯғгӯй дод. Марди қаллоб дирамҳоро аз кафи некумард рабуду ҳамчун боди ёвагард дар як чашмак задан дар кӯчаву паскӯчаҳо ғайб зад.





Марди раҳгузаре, ки ин муомиларо назора мекард, ба назди фозили некандеш омаду бо мазаммат гуфт:

— Ту чӣ кор кардӣ? Ин дурӯғгӯи қаллоби берӯю риёро дар шаҳр ҳама мешиносанд. Аз ӯ, чун аз оташ, ҳазар мекунанд, худро ба канор мекашанд.

Фозили накуном пурсид:

— Ман ҳам бояд чунин мекардам? Раҳгузар ҷавоб дод:

— Оре! Бояд чунин мекардӣ. Вай туро фиреб дод ва даҳ дираматро ба ғорат бурд.

Марди фозил риши сафеди худро молиш дода — молиш дода, хеле ба хаёл рафт, баъд ба ҳамсуҳбаташ рӯ овард:

— Медонӣ, ту ҳақ нестӣ. Агар ман ба ӯ бовар намекардаму дирам намедодам, вай дар назди мардум хиҷолат мекашид. Ва баръакс, агар ба суханҳои ин қаллоб бовар кардаам, ман обрӯю эътибори худро наҷот додаам. Поси номи неку манзалат бисёр муҳим аст ва ин амал на аз дасти ҳар кас меояд.

Байт:

*Баду некро базл кун симу зар,*
*Ки ин касби хайр асту он дафъи шар.*

# ДОРОШОҲ ВА ГАЛЛАБОН

Яке аз шоҳони даврони қадим — Доро ҳангоми шикор аз ҳамроҳон ҷудо афтод ва роҳи бозгашт гум кард. Дар кӯҳу бешазор, дашту даманҳо сарсон мегашт. Рӯзе аз дур мардеро дид. Гумон кард, ки дузд ва ё роҳзан аст. Камонашро ба даст гирифту хост, ки ӯро бо як тир нақши замин гардонад.

Мард аз дур фарёд зад:

— Эй Дорошоҳ! Маро ба нишон нагир. Ман дузд нестам, ман галабон ҳастам, галаи аспони туро нигаҳбонӣ мекунам.

Доро камонро як сӯ гузошта, ба назди галабон омад. Гуфт:

— Ман туро нашинохтам. Галабон дар ҷавоб гуфт:

— Ман як галаи бузурги аспҳоро бонӣ мекунам. Ҳамаи онҳоро аз рӯйи рангу рафторашон мешиносам.

Дорошоҳ шубҳа кард:

— Бовар намекунам. Наход ҳамаи онҳоро як ба як шинохта тавонӣ?

Галабон бо қатъият гуфт:

— Мешиносам. Аммо ту ҳам галабон ҳастӣ.

Дорошоҳ аз ин сухан ҳайрон шуд. Хеле андеша кард ва пурсид:

— Магар ман ҳам галабон ҳастам?

Галабон гуфт:

— Оре, ту ҳам галабон ҳастӣ. Мардуми кишвари ту галаи туст. Бояд ҳар кадоми онҳоро



бишиносӣ, фикру андеша, хулқу атворашонро донӣ. Агар надонӣ, ту чӣ хел шоҳ ҳастӣ?

Шоҳ гуфт:

— Донистани ман шарт нест. Хизматгорҳои зиёд дорам. Онҳо бояд донанд.

Галабон дар ҷавоб лаб кушод:

— Кори хизматгорҳо дигару кори ту дигар. Туро, ки Худованд шоҳи мо кардааст, бояд ҳамаи моро шиносӣ ва аз рӯйи бехабарӣ нишони тират насозӣ.

Шоҳ ҳайрон шуд:

— Чӣ хел?

Галабон гуфт:

— Ҳамон тавре ки ман ҳар як аспи худро дар галлаи бегона меёбам ва ҳифзу парвариш мекунам.

Дорошоҳ ба андеша афтод ва ба худ гуфт:

— Ин галабон дуруст мегӯяд. Агар худро сарвар донӣ, бояд ҳар яке аз мардуми худро шиносӣ ва хидматгузорӣ намоӣ.

Байт:

*На тадбири маҳмуду[1] ройи дуруст,*
*Ки душман надонад шаҳаншаҳ зи дӯст.*

---

*1 Маҳмуд – писандида, созгор.*

# ҶАВОНМАРД ВА ЗИНДОНӢ

Дар як шаҳр чавонмарде зиндагӣ мекард. Бисёр мехост, ки ба мардум хайру эҳсон кунад, дармондагонро роҳат бахшад, рӯзи сахти баргаштабахтонро осон намояд. Аммо мушкилӣ дар сари он буд, ки хоҳиш дошту сарват надошт.



Азбаски номаш бо ҷавонмардӣ баромада буд, як марди зиндонӣ хост аз ӯ кумак талаб кунад. Ба номаш номае навишт: «Эй ҷавонмарди олимақом! Чанд вақт мешавад, ки аз барои сечор дирами қарзам зиндонӣ мебошам. Раҳм кун, ин чанд дирамро деҳу ҷони маро раҳоӣ бахш».



Ҷавонмард номаро гирифту бисёр хиҷил шуд.

— Чӣ кунам? Дирам надорам. Агар ба ин зиндонӣ ёрмандиам нарасад, обрӯю эътибор, хайру эҳсони ман чӣ мешавад?!

Бисёр андеша кард. Чора наёфт. Ба зиндонбонҳо гуфт:

— Фалониро озод кунед. Ман зомини ӯ ҳастам.

Ҷавобгариаш ба гардани ман.

Зиндонбонҳо дари зиндонро кушоданду ба марди зиндонӣ гуфтанд:

— Ту озод ҳастӣ. Фалонӣ зомини ту шуд. Марди зиндонӣ худро озод ёфту ҳар қадар,

ки қувват дошт, аз шаҳр баромада рафт.

Чанд рӯзу чанд моҳ гузашт. Зиндонбонҳо ба назди ҷавонмард бо талаб омаданд:

— Эй ҷавонмард! Ё дирами он марди ҷавонро биёр ё худи зиндониро. Ҷавонмард гуфт:

— На дирам дорам, на он зиндонӣ дар ихтиёри ман аст.

Зиндонбонҳо ҷавонмарди зоминро ба зиндон кашиданд, ранҷу азобаш медоданд ва ҳар замон аз ӯ мепурсиданд:

— Чаро ин кори носавоброкардӣ ва ҷонатро ба хатар андохтӣ?

Дар ҷавоб мегуфт:

— Тоқати онро надоштам, ки касе дар азоб бошаду ман дар фароғат.

Ба ӯ мегуфтанд:





— Акнун дар зиндон дар азобу ранҷ хоҳӣ мурд. Вай ҷавоб медод:

— Ин беҳтар аз ин аст, ки дигарон дар шиканҷа бошанду ман дар роҳат.

Ва ҷавонмард дар зиндон ҷон ба ҷонофарин супурд, аммо номи некаш монд.

Байт:

*Бимурд охиру некномӣ бибурд,*
*Зиҳӣ зиндагонӣ, ки номаш намурд!*

# ҲОТАМИ ТОЙ

Ҳотами Той, ки бо саховатмандиву олиҳимматӣ ном баровварда буд, як аспи сиёҳи бемонанд дошт. Ин асп аз биёбонҳо чун бод давида мегузашт, бақувват, зӯр, даванд ва дасту пову гардани зебо дошт. Ҳар кас, ки ин аспро медид, ошиқаш мешуд, орзу мекард, ки дар зиндагӣ чунин асп дошта бошад.



Аспи Ҳотами Той ба хироҷи мамлакат меарзид. Дар ҷаҳон дигар чунин бодпову хушрафтор набуд. Ҳамин сифати аспи Ҳотами Той мисли мардиву дасткушодии худи ӯ дар саросари олам паҳн гардида буд.

Шоҳи мамлакати дигар хост, ки олиҳимматии Ҳотами Тойро имтиҳон кунад ва бинад, ки ӯ, дар ҳақиқат, саховатманд ҳаст ё не.

Шоҳ ба дӯстонаш гуфт:

— Мегӯянд, ки Ҳотами Той як аспи бемислу монанд дорад ва соҳибаш онро ба ҷон баробар медонад.

Дӯстони шоҳ гуфтанд:

— Ин сухан рост аст. Шоҳ гуфт:

— Ман ба назди ӯ одами худро мефиристам ва хоҳиш мекунам, ки аспашро ба ман ҳадя намояд. Агар олиҳимматиаш овозаи дурӯғ набошад, аспашро медиҳад.

Дӯстони шоҳ гуфтанд:

— Шоҳо, аз ҷойи сахташ гирифтӣ. Вай аспашро ба ту намедиҳад.

Шоҳ хурсанд шуд:

— Надиҳад, бисёр хуб мешавад. Ман исбот мекунам, ки шуҳрату овозаи Ҳотами Той сохта ва дурӯғин аст.

Рӯзи дигар ду-се намояндаи шоҳ роҳи кишвари Ҳотами Тойро пеш гирифтанд. Онҳо бо азобу ранҷи зиёде шабона ба манзили Ҳотами Той расиданд.

Соҳиби манзил ду даст пеши бар меҳмононро «Хуш омадед!» — гуфт ва дар хонаи гарми барҳаво ҷой дод.

Бо фармоиши ӯ хизматгоронаш аспе-ро кушта кабоб пухтанд ва меҳмононро хуб меҳмондорӣ карданд. Кӯфти роҳ, ки баромад, меҳмонон ба мизбон рӯ оварданд:

— Мо ба назди ту бо хоҳиши шоҳамон омадем.

Ҳотами Той ду даст пеши бар табассум кард:

— Мо ҳамеша ба хизмат омода ҳастем.

Меҳмонон гуфтанд:

— Овоза ҳаст, ки аспи бодпойи бемислу монанд дорӣ ва онро чун гавҳараки чашм азиз медорӣ. Шоҳи мо ҳамин аспро талаб дорад.

Ҳотами Той хиҷил шуд ва бо сари афканда гуфт:

— Бале, чунин асп доштам.

Меҳмонон бо чашми савол ба ӯ нигаристанд:

— Чӣ хел доштӣ? Куҷо шуд аспи таърифиат?

Ҳотами Той боз бо ҳамон хиҷолат гуфт:





— Шаб борони сахт буд. Натавонистам, ки ба чарогоҳ одам фиристаму аспи дигарро биёрам. Ҳамин аспро, ки шумо мегӯед, бо фармоиши ман куштанду шуморо зиёфат карданд.

Оҳ аз ҷигари меҳмонон баромад.

— Наход ки чунин аспи арзандаи ҷаҳонро баҳри мо кушта бошӣ?

Ҳотами Той гуфт:

— Барои ман аз меҳмон дида чизи қиматтаре нест.





Меҳмонон ба мардиву олиҳимматии Ҳотами Той қоил шуда, ин хабарро ба шоҳи кишвари худ бурданд.

Шоҳ даст ба гиребон гирифту гуфт:

— Ба номи Худо, рост мегӯянд. Касе дар лутфу карам ба Ҳотами Той баробар нест.

Байт:

*Чу Ҳотам ба озодамардӣ дигар*
*Зи даврони гетӣ наёмад магар.*

# ҶАВОН ВА ГӮСФАНД



Мусофире аз роҳ мегузашт. Дид, ки як ҷавон озодона дар кӯчаҳо гаштугузор мекунад ва гӯсфанде аз пасаш ҳамчунин шоду хуррам бозикунон равона аст.



Ҳарчанд марди мусофир дунёдида буд, аз ин манзара сахт ба ҳайрат афтод. Зеро он ҷавон гӯсфандро бо ресмон набаста буд ва аз пасаш

кашолакунон намебурд. Балки гӯсфанди шӯх аз банду баст раҳо буд ва чун соҳибаш озодона мегашт.

Мусофир аз ҷавон пурсид:

— Ин чӣ сирру асрор аст, ки гӯсфанд бе банду ресмон аз пасат меравад? Оё намегурезад?

Ҷавон ҷавоб дод:

— Дили ман аз гӯсфандам пур аст. Агар ҳоло чашми онро хато кунаму дар гӯшае пинҳон шавам, ҳатман маро пайдо мекунад.

Мусофир нобоварона ба ҷавон нигарист. Ҷавон барои исботи суханаш худро ба кӯчаи дигар гирифт ва дар миёни издиҳом нопадид гардид. Гӯсфанд низ худро ба издиҳом зад ва соҳибашро пайдо карда, гӯё воқеае рӯй надода бошад, аз дунболаш рафтан гирифт. Аз касе, аз чизе намехӯсид, ҳарос надошт, озодона роҳ мерафт ва мардум бо ҳайрат ба он нигоҳ мекарданд.

Марди мусофир «ё тавба!» гуфта гиребонашро гирифт ва аз паси ҷавону гӯсфандаш давид, то ба онҳо расида гираду сирру асрори ин аҷоиботро бори дигар пурсад.

Ҷавон давида омадани марди мусофирро диду аз рафтан бозистод.

Мусофир, ки нафасаш аз давидан танг шуда буд, ду-се бор амиқ нафас гирифту ба забон омад:

— Эй ҷавон, ман гирди ҷаҳон гардидаам, бисёр чизҳоро дидаам. Аммо ин манзарае, ки байни туву гӯсфанд мебинам, дар ҳеҷ куҷо на-дидаам.

Ҷавон табассум карду гуфт:

— Ҳеҷ аҷоиботе нест. Ин гӯсфанд аз гӯсфанди дигар фарқ надорад.

Мусофир пурсид:

— Агар фарқ надорад, чаро ба ин андоза аҳл асту ром асту меҳрубон аст?





Ҷавон боз хандид. Гуфт:

— Худи шумо ба пурсиши худ ҷавоб гуфтед. Меҳрубонӣ! Ин гӯсфанд баррача буд, ки ба ман унс гирифту одат кард. Аз ман ба ғайр аз меҳрубониву лутфу эҳсон рафтори дигареро надидааст. Меҳрубонӣ неруи бузургест, ки бегонагонро ба ҳамдигар наздику қарин мегардонад.



Он ресмони ноаёне, ки ба гардани гӯсфанд баста шудасту онро аз ман як қадам дур рафтан намемонад, меҳрубонӣ ном дорад.

Мусофир ҷавонро таҳсин кард ва муддати тӯлонӣ аз дур ба меҳрубониву қаринии ин ду офаридаи Худованд назора намуд.



Байт:

*Бадонро навозиш кун, эй некмард,*
*Ки саг пос дорад, чунонат хӯрад.*

# МАРДЕ, КИ ФАҚАТ АЙБ МЕҶӮЯД

Ҷавоне бисёр сухандону суханвар буд. Ҳар гоҳе ки аз ин ё он масъала сухан мегуфт, мардуми ҳозир мафтунаш мешуданд, ба ваҷд меомаданд ва бо як овоз такрор мекарданд:

— Раҳмат ба падараш! Чӣ қадар бо маҳорату зиракию оқилӣ ҳарф мезанад!

Боре як марди раҳгузар суханронии ҷавон ва таҳсину офарингӯии ҳозиринро хеле мушоҳида кард ва дарёфт, ки дар маҳорати сухангӯии ҷавони таърифӣ нуқсон ҳаст; вай баъзе калимаҳоро равшану бурро талаффуз карда наметавонад.

Мард ба шунавандаи паҳлуяш, ки мӯйсафеди ҷаҳондидае буд, рӯ оварду гуфт:

— Ин ҷавон дар талаффузи баъзе калимаҳо оҷизӣ мекашад, равону возеҳ гуфта наметавонад. Чаро ин қадар ӯро офарин мегӯед?

Мӯйсафед бо ҳайрат ба рӯйи марди раҳгузар нигоҳ карду бо маломат гуфт:

— Намебинӣ, ки дандонҳои ин ҷавон нест. Аз ин рӯ, баъзан дар талаффуз ба норавшанӣ роҳ медиҳад.





— Пас, чаро ӯро таҳсин мекунед, фарёд мебарород, ки суханвари ягона ва нотакрор аст?

Мӯйсафед боз бо ҳамон оҳанги пешина гуфт:

— Ин ҷавон, воқеан ҳам, дар суханронӣ ҳамто надорад. Шунаванда аз равшании фикр ва оҳанги гуфтори ӯ лаззат мебарад.

Марди роҳгузар исрор кард:

— Охир, на ҳама калимаҳоро дуруст талаффуз мекунад!





Мӯйсафед дид, ки ҳамсуҳбаташ каси якрав ва ҷоҳил менамояд, хост, ки аз ӯ худро дур кашад. Чанд қадам ба пеш гузошту чизе магар ба ёдаш омад, ки ба қафо, ба назди раҳгузар бозомад ва гуфт:

— Ин ҷавон ҳунарҳои зиёди ҷолибе дорад. Ту онҳоро дида наметавонӣ. Як нуқсони ба ҳама аёни ӯро мебинию бас. Чашми ту камбудро мебинаду муваффақиятро не. Аз ин рӯ, кӯру кар будани ту беҳтар аст.

# МАРДИ ДАРВЕШ ВА МӮРЧА



Марди дарвеш барои хариди гандум ба бозор омад. Дид, ки пиразане халтаи гандум мефурӯшад.

— Салом, хонум!

— Салом!

— Қимати халтаи гандум чанд аст?

— Ду танга.

Онҳо хеле савдо карданд ва дарвеш бо нархи мувофиқ халтаи гандумро харидорӣ кард ва ба сари шона партофта, ба хона овард.

Зану бачаҳояш зуд чодар густуранду гандумро рӯйи он тунук карданд. Ногоҳ аз миёни донаҳои гандум мӯрчае давида баромад.

Бачаҳо якбора фарёд заданд:

— Мӯрча! Мӯрча!

Дарвеш мӯрчаро бо эҳтиёт рӯйи каф гирифту хеле нигоҳ кард ва оҳи сард кашид.

Зани дарвеш бо тааҷҷуб пурсид:

— Чаро оҳ кашидед? Чӣ шуд?

Дарвеш мӯрчаи рӯйи кафашро нишон дода гуфт:

— Ин мӯрчаро ман аз хонаву дараш дур кардам.

Бачаҳо пурсиданд:

— Чӣ тавр дур кардед?

Зан ҳам саволи бачаҳоро такрор кард:

— Чӣ тавр дур кардед?

Дарвеш андешамандона ҷавоб дод:

— Ин мӯрча наздикони худро дорад, хона дорад, мумкин бачаҳои хурдсол ҳам дошта бошад.

Зан гуфт:

— Хайр, чӣ? Дарвеш пурсид:





— Чаро «Хайр, чӣ?» мегӯйӣ? Ин мӯрча барои дон аз хона баромад. Бачагонаш шояд бозгашти ӯро интизоранд, гуруснаву ташнаанд.

Зан ғамгин шуд:

— Хайр, чӣ кор мекунем? Дарвеш бо қатъият гуфт:

— Ба бозор меравем, пиразани гандумфурӯшро меёбем.



Зан бетоқатона пурсид:

— Баъд, чӣ? Дарвеш гуфт:

— Бо пиразан ба деҳаашон меравем, хирманашонро меёбем ва мӯрчаро ҳамон ҷо сар медиҳем, то ба хонааш, ба пеши наздиконаш баргардад.

Зану бачаҳои дарвеш ҳайрон-ҳайрон ба ӯ нигоҳ мекарданд ва намедонистанд, ки чӣ гӯянд.



Байт:

*Даруни фурӯмондагон шод кун,*
*Зи рӯзи фурӯмондагӣ ёд кун.*

# Мундарича

Тавонгар ва ғами бенавоён ................................. 3
Марди бечора ва подшоҳ..................................... 9
Зоғ ва каргаси лофзан ..................................... 15
Марди фозил ва марди фиребгар ..................... 18
Дорошоҳ ва галлабон......................................... 22
Ҷавонмард ва зиндонӣ ...................................... 25
Ҳотами той............................................................ 30
Ҷавон ва гӯсфанд ................................................. 37
Марде, ки фақат айб меҷӯяд............................. 44
Марди дарвеш ва мӯрча..................................... 49

# Аз ҳикоёти «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ

*Бозгӯйи Гулназар*

Рассом — С. Имоддинова
Муҳаррир — М. Меликова
Муҳаррири техникӣ — С. Давлатова
Тарроҳ — Қ. Назаров, В. Казберович

Китобчаи мазкур бо кумаки мардуми Амрико бознашр шудааст, ки он аз тариқи Оҷонсии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи китобча маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Китобча ройгон паҳн мегардад.**

Ба чопаш 03.08.2018 иҷозат дода шуд. Андозаи 70×90/16. Коғази офсет. Чопи офсет. Гарнитураи мактабӣ. Ҷузъи чопӣ 3,5. Адади нашр 5500 нусха. Супориши № 97/2018.

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел.: 222-14-66. E-mail: najmiddin64@mail.ru

Китоб дар матбааи ҶДММ «Полиграф групп» чоп шудааст.
Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Ҳувайдуллоев, 113.
e-mail: info@polygraph-group.tj | www.polygraph-group.tj

Китобча ройгон паҳн мегардад.



9789994712885

МАОРИФ